Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1. телефон: +992(3422)23811 факс: +992(3422)25170; e-mail: tsulbp@rambler.ru)

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Соҳибназарзода Зикриддин Тоҷиддин дар мавзуи «Фаъолнокии сармоягузорӣ дар низоми омилҳои рушди иқтисодиёти вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ). – Хуҷанд, 2026. – 168 саҳифа**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот бо Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ), алалхусус ба бандҳои зерин: 6. Иқтисодиёти ҳудудӣ. Вижагиҳои ҳудудии таъсисёбии низоми инноватсионии миллӣ. Мушкилотҳои ташаккулёбии зернизомҳои инноватсионии минтақавӣ. Лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ: мақсад, объектҳо, захираҳо ва самаранокӣ; Таъминоти инвеститсионии минтақаҳо; Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо; Лоиҳаҳои инвеститсионии ҳудудӣ; Муҳити сармоягузорӣ бо назардошти воҳидҳои минтақавию ҳудудӣ; Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва самаранокии истифодаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо мутобиқат менамояд.

**2. Мубрамияти мавзуи таҳқиқ**. Имрӯз барои рушди муносиби тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ яке аз масъалаҳои муҳим ин таъминоти молиявии равандҳои сармоягузорӣ мебошад. Таваҷҷуҳ ба сармоягузорӣ ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам аз ҷониби субъектҳои иқтисодӣ дар солҳои охир хеле зиёд шудааст. Зеро сармоягузорӣ ҳамчун манбаи муҳими таъминоти молиявии рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ метавонад ба

раванди татбиқи лоиҳаҳои марбут ба ташаккул ва таҷдиди иқтидори истеҳсолии корхонаҳои соҳаҳои мазкур таъсири мусбат расонида, ба ин васила самаранокии баланди маблағҳои сафарбаршударо низ таъмин намояд.

Бинобар ин, масъалаи баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузорӣ дар сатҳи соҳаҳои афзалиятнок ва ҳам дар сатҳи субъектҳои иқтисодии дар ин соҳаҳо фаъолияткунанда бештар ба мушкилоти ҷустуҷӯ ва дарёфти манбаъҳои маблағгузорӣ алоқаманд мебошад. Дар солҳои истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи бӯҳронҳои мухталиф дар оғози истилоҳоти бозорӣ дар ҳамаи соҳаҳо талафи ҷиддии иқтидори истеҳсолӣ ба мушоҳида мерасад. Ба ибораи дигар, ба ҳар минтақа зарбаи ҷиддӣ расонида шуда буд. Ҳалли масъалаҳои мазкур бидуни сармоягузорӣ ба иқтисодиёти ҳар минтақа хеле мушкил аст. Дар ин самт, чи тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, барои ҷалб ва оптимизатсияи истифодаи сармоягузориҳо, пеш аз ҳама, дар минтақа ташаккул додани фазои мусоиди сармоягузорӣ зарур аст, ки ба ҳамаи субъектҳои иқтисодиёт дар гузоштани сармоя ангеза мебахшад.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки имрӯз дар рушди минтақаҳо ба вуҷуд овардани шароити мусоиди фаъолгардонии равандҳои сармоягузорӣ, ки ба ҷалби сармоягузорӣ ва таъмини рақобатпазирии ҳар низоми минтақавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ имкон медиҳад, яке аз вазифаҳои мубрам ба шумор меравад. Ин нуқта саривақтӣ будан ва зарурати тадқиқи фаъолнокии сармоягузориро дар низоми омилҳои рушди иқтисодиёти вилояти Суғд собит месозад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Соҳибназарзода Зикриддин Тоҷиддин дар ғанӣ гардонидани назарияву консепсияҳои сармоягузорӣ, коркарди тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба баланд бардоштани фаъолнокии инвеститсионӣ дар иқтисодиёти минтақа зоҳир мегардад.

Аз ҷониби муаллиф натиҷаҳои зерини илмию назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд.

Дар навбати аввал аз ҷониби муаллиф консепсияву назарияҳои сармоягузорӣ низомбандӣ карда шуда, дар асоси он ба мундариҷаи мафҳуми таҳқиқот саҳеҳӣ ворид карда шудааст. Тибқи он, муаллиф зери сармоягузории минтақавӣ «қобилияти умумии имкониятҳои молиявӣ-иқтисодии минтақа, роҳе ба истифодаи маблағгузорӣ, инчунин захираҳои молиявии берунаи ҷалбшуда барои амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсати иҷтимоию иқтисодии минтақа дар самти афзоиши фондҳои асосӣ, таҷҳизонидани техникӣ, таъмини такрористеҳолоти васеъ, ҷорӣ намудани ҷараёнҳои инноватсиониро» дар назар дорад

Дар асоси омузиши методикаҳои мавҷуда услубҳои гуногуни арзёбии фаъолияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёти минтақа ба низом даровrouteарда шуда, нишондиҳандаҳои арзёбӣ мавриди гурӯҳбандӣ қарор гирифтаанд. Ба гурӯҳи якум, муаллиф, нишондиҳандаҳои арзёбиро оид ба иқтидор ва теъдоди корхонаҳои истеҳсолӣ, мавҷудияти захираҳо ва инфрасохтори инноватсионӣ, қобилияти харидории аҳолӣ дохил намудааст. Ба гурӯҳи дуюм, нишондиҳандаҳои дучоршавӣ ба хавфҳо, аз ҷумла молиявӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ мансубанд. Гурӯҳи сеюми нишондиҳандаҳоро арзёбии фаъолият оид ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақа, даромаднокии аҳолӣ, ҷойҳои холии корӣ, сохтмон, маҳсулотҳои инноватсионӣ ва ғайра ташкил додаанд. Истифодаи усули маҷмуавии интегралӣ барои арзёбии сатҳи фаъолнокии инвеститсионӣ мақсаднок ҳисобида шудааст.

Муаллиф, бо истифода аз меъёри сатҳи маҳсулнокии меҳнат минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро гурӯҳбандӣ намуда, гурӯҳи пешқадам (ш. Душанбе, в. Суғд), сатҳи миёна (в. Хатлон) ва ақибмонда (ВМКБ ва НТҶ) муайян карда шудааст. Дар робита бо меъёри мазкур сатҳи фаъолнокии

сармоягузории шаҳру ноҳияҳои в. Суғд, низ муайян муайян гардида, сатҳи пешқадам, сатҳи миёна ва ақибмонда муқаррар карда шудааст.

Дар таҳқиқот бо истифода аз усулҳои иқтисодию риёзӣ, аз ҷониби муаллиф, амсилаи таъсири омилҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба ҷараёни фаъолнокии сармоягузорӣ дар в. Суғд таҳия ва пешниҳод шудааст. Дар асоси он исбот гардидааст, ки дар шароити муосир оид ба густариши равишҳои сармоягузорӣ дар вилояти Суғд таъсири соҳаи хизматрасонӣ нақши аввалиндараҷаро дошта, мавқеи дуввумро ҳиссаи маҷмуъи маҳсулоти минтақа ба ҳар сари аҳолӣ ишғол менамояд. Амсилаи бисёромила доир ба арзёбии таъсири вазъи иқтисодиёти минтақа барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ низ таҳия гардидааст, ки дар асоси мавқеи назарраси таъмини сатҳи рушди маҷмуъи маҳсулоти минтақа ба ҳар сари аҳолӣ асоснок карда шудааст.

Бо истифода аз функсияи истеҳсолот таъсири миқдории равишҳои сармоягузорӣ ба сатҳи рушди иқтисодиёти в. Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда шудааст. Муаллиф исбот намудааст, ки дар шароити муосир ҳиссаи захираи меҳнат нисбат ба сармоя дар таъмини рушди иқтисодӣ бештар буда, эътимоднокии воқеӣ дорад. Низоми чорабиниҳо оид ба такмили механизмҳои ташкилию идоракунӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ дар самти баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузорӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои илмии Соҳибназарзода З.Т. дорои хусусияти навгонии илмӣ, татбиқшаванда ва ба талаботи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пурра ҷавобгӯ мебошанд. Онҳо метавонанд ба такмили назарияи идоракунии минтақавии сармоягузорӣ, амалияи татбиқи сиёсати иқтисодии давлатӣ ва таҳия намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Суғд мусоидат намоянд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсияи Соҳибназарзода З.Т. баёнгардида ба таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ,

методологӣ ва таҷрибавии масъалаҳои фаъолгардонии сармоягузорӣ дар рушди вилояти Суғд такя мекунанд. Эътимоднокии онҳо пеш аз ҳама аз истифодаи маҷмӯи манбаъҳои иттилоотӣ, санадҳои расмии давлатӣ, барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва маводи таҳқиқотии олимону муассисаҳои илмӣ бармеояд.

Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф аз усулҳои муосири таҳлили омилӣ, индуксия, дедуксия, муқоисавӣ, интегралӣ, арзёбии экспертӣ, тамоилӣ, пешгӯикунӣ ва усулҳои кореллятсионӣ, регрессионӣ ва математикӣ истифода кардааст, ки боиси асоснокии баланди хулосаҳои илмӣ гардидааст.

Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои диссертатсия дар асоси маълумоти омории солҳои охир, таҳлили вазъи воқеии иҷтимоию иқтисодии ноҳия ва шаҳрҳои вилояти Суғд, таҳқиқи омилҳои институтсионалӣ ва иқтисодии фаъолияти сармоягузорӣ, инчунин омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти фаъолнокии сармоягузорӣ ҳосил гардидаанд. Тавсияҳои пешниҳодгардида, аз ҷумла, оид ба такмили механизмҳои ташкилӣ-идоракунӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ оид ба баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузорӣ, на танҳо ба таҳлили назариявӣ, балки ба натиҷаҳои воқеии оморӣ ва таҷрибаи амалии минтақа такя мекунанд. Далелнокии таҳлили муаллиф имконият медиҳад, ки самтҳои пешниҳодшуда ҳамчун тадбирҳои амалии баландэътимод арзёбӣ шаванд.

Татбиқи тавсияҳои диссертатсия дар амалия метавонад ба баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузорӣ ҳамчун омилҳои рушди иқтисодиёти вилояти Суғд мусоидат намояд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо, руйхати манбаъҳои истифодашуда, ки 150 номгуй иборат мебошад, ташаккул ёфтааст. Ҳаҷми умумии кор 168 саҳифаро дарбар мегирад, ки дар он 33 ҷадвал, 5 расм гирд оварда шудааст.

**Дар муқаддима** мубрамият, дараҷаи коркарди масъалаи илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот муайян карда, навгонии илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда собит сохта шудаанд.

**Дар боби аввал** - "Асосҳои илмӣ - назариявии рушди стратегияи сармоягузорӣ дар минтақаҳо" - асосҳои назариявӣ ва равишҳои методологӣ, инчунин таҷрибаи хориҷии идоракунии сармоягузорӣ дар минтақа баррасӣ гардидааст.

Дар доираи боби мазкур асосҳои назариявии сармоягузорӣ дар иқтисодиёти муосир ва равишҳои методологӣ дар арзёбии ҷолибияти сармоягузории минтақа таҳқиқ гардидааст. Инчунин дар зербоби 1.3 таҷрибаи хориҷии идоракунии сармоягузорӣ дар минтақа мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Дар боби дуюм** - "Ҳолат ва муаммоҳо дар таҷдиди фаъолияти сармоягузории вилояти Суғд" - вазъи муосир ва тамоили сармоягузорӣ, таъсири он ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ, моделиронии омилҳои таъсиррасон ба афзоиши сармоягузорӣ дар вилояти Суғд мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар раванди таҳқиқи боби мазкур ваъзи муосири сармоягузорӣ ва тамоили он дар вилояти Суғд таҳлил намуда, таъсири он ба рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа асоснок карда шудааст. Боз моделиронии омилҳои таъсиррасон ба афзоиши сармоягузорӣ ба минтақа муайян карда шудааст.

**Дар боби сеюм -** "Авлавиятҳо дар дурнамои стратегияи сармоягузории иқтисодиёти вилояти Суғд"- самтҳои афзалиятноки ҷалби сармоягузорӣ, такмили стратегияи он дар иқтисодиёти минтақа баррасӣ гардидаанд.

Ҳангоми таҳқиқоти боби сеюм самтҳои афзалиятноки ҷалби сармоягузорӣ дар иқтисодиёти минтақа бо таври возеҳ оварда шуда, такмили стратегияи ҷалби сармоягузорӣ дар иқтисодиёти минтақаро баррасӣ намудааст.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии дессертатсия.** Аҳаммияти назариявии рисола дар он ифода меёбад, ки муқаррароти назариявӣ, ки дар кори диссертатсионӣ таҳия гардидааст, барои мукаммал намудани асосҳои назариявии сармоягузорӣ, назарияи иқтисодиёти минтақа, ҷанбаҳои илмии таъмини муҳити инвеститсионӣ мусоидат менамояд. Хулоса ва тавсияҳои коркардгардида барои вусъатдиҳии фаъолияти инвеститсионӣ дар самти рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа равона гардидааст. Инчунин, пешниҳодҳои таҳияшудаи рисола дар ҷараёни коркарди стратегияҳою барномаҳои давлатӣ оид ба танзими фаъолияти инвеститсионӣ аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад истифода бурда шавад. Аз ҷумла, муқаррароти алоҳидаи кори диссертатсионӣ дар коркарди санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ оид ба танзими равандҳои инвеститсионӣ аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд барои рушди раванди сармоягузорӣ дар шаҳру ноҳияҳо истифода хоҳад гардид.

Инчунин, аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби Сарраёсати саноати вилояти Суғд, Раёсати рушди иқтисод, савдо ва мониторинги вилояти Суғд, Сарраёсати сармоягузорӣ ва зидди инҳисории вилояти Суғд дар самти вусъат додани фаъолнокии инвеститсионӣ дар миқёси вилояти Суғд истифода карда шудааст.

Илова бар он, маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷараёни такмил додани барномаҳои таълими фанҳои идоракунии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, менеҷменти молия, микроиқтисодиёт, макроиқтисодиёт, иқтисодиёти минтақа истифода гардидааст.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Интишоорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқот дар доир ба мавзуи кори диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ,

илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳо интишор гардидаанд. Дар интишороти муаллиф, ҳамаи мақолаҳои илмӣ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи пешниҳодгардидаро инъикос менамояд, яъне пурра мутобиқат мекунад.

**8. Мутобиқати барасмиятдароии диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботҳои бандҳои дахлдори “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, №267) омода гардида, муқаддима ва бахшҳои он – мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назарияи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳодшавандаи таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишоорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд ва асосҳои илмию амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъкос менамоянд. Ғайр аз ин, меъёрҳои дигари диссертатсия нисбат ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ ҳангоми навиштани диссертатсия риоя гардидаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Инчунин, ба андешаи мо дар диссертатсия дар баробари ҳалли масъалаи муҳими иқтисодию иҷтимоӣ баъзе камбудиҳои алоҳида ва андешаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ба монанди:

1. Дар диссертатсия таҷрибаҳои хориҷӣ омӯхта шудааст, ки монанди мамлакатҳои Австралия, Олмон, Британияи Кабир, Канада, Ирландия ва ғайра (Саҳ. 47-65). Агар муаллиф таҷрибаи ҷаҳонии идоракунии сармоягузориро дар минтақаҳои кишварҳое, ки ба иқтисодиёти Тоҷикистон монанданд, муфассалтар баррасӣ мекард, муфид мебуд.

2. Муаллиф ҳангоми таҳқиқоти худ (Боби 2. Саҳ. 66-115) ҷадвалҳо бо таҳлил гирд овардааст. Аммо, маълумотҳое, ки дар ҷадвалҳо оварда шудааст 2023 тааллуқ дорад, агар муаллиф соли 2024 ворид мекард бехтар мешуд.

3. Хуб мешуд агар муаллиф баъзе масъалаҳои баёншавандаро бо таври схема ё расм нишон диҳад, зеро ин ба хонандаи рисола имконияти осон қабул намудани маводро медиҳад. Дар рисола маводҳои айёнӣ кам мушоҳида намегардад.

4. Ба манфиати кор мебуд, агар тавсияҳои дар диссертатсия оварда дар амалия санҷида мешуданд.

Таъкид кардан зарур аст, ки эродҳои дар боло зикр гардида хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳаммияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд.

Умуман, бояд қайд кард, ки кори диссертатсионии Соҳибназарзода Зикриддин Тоҷиддин таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта мебошад, натиҷаҳои ба даст овардашуда дорои навоварии илмӣ ва аҳамияти амалиро дар худ инъикос мекунанд, ки ба ҳалли муаммоҳои такмили иттилоотонии иқтисодиёти минтақаро дар таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа мусоидат менамояд.

Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода менамоянд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи

муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию методӣ ва амалии иттилоотонии иқтисодиёти минтақаро тараққӣ медиҳанд.

Дар асоси маълумоти дар боло зикршуда, хулоса карда мешавад, ки диссертатсия дар мавзӯи «Фаъолнокии сармоягузорӣ дар низоми омилҳои рушди иқтисодиёти вилояти Суғд» кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – июни соли 2011, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Соҳибназарзода Зикриддин Тоҷиддин дар мавзӯи «Фаъолнокии сармоягузорӣ дар низоми омилҳои рушди иқтисодиёти вилояти Суғд», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) арзанда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсент, мудири кафедраи молшиносӣ**
**ва фаъолияти гумрукии ДИС ДДТТ** **Игамназаров Н.И.**

Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Хуҷанд, х. И. Сомонӣ, 169
тел.: + 992 92 961 55 84
“19” 01 соли 2026

**Имзои н.и.и., дотсент Игамназаров Н.И. – ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДИС ДДТТ** **Маҳмудов Ш.У.**

Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Хуҷанд, х. И. Сомонӣ, 169
тел.: 8 3422 6 03 21
“19” 01 соли 2026